**Такриз**

ба диссертатсияи Қаландарова Манзура Сайдасроровна дар мавзуи «Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии таълими физика дар муассисахои таҳсилоти олии касбӣ бо истифода аз технологияи муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи омӯзишу парвариш (методикаи таълими физика).

Дар диссертатсия Қаландарова Манзура Сайдасроровна роҳу усулҳои баланд бардоштани самаранокии таълими физика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо истифодаи технологияи муосир мавриди таткикот карор дода шудааст.

Таҳкикоти диссертатсионии Қаландарова Манзура Саидасроровна аз бахшҳои «Мукаддима», «Тавсифи умумии кор», ду боб, ҳафт параграф, бахши «Хулосаҳо» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Номгӯи адабиёт» бо зербахшҳои «Фехрести интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат мебошад.

Дар дессертатсияи Қаландарова Манзура Сайдасроровна нишон дода шудааст, ки усулҳои анъанавии таълим дар замони имрӯза ба талатотҳое, ки ҷамъият дар назди таълим мегузорад, ҷавоб дода наметавонад.

Диссертант нишон додааст, ки машулятхоро аз фанни физика новобаста ба ихтисосҳои гуногуни МТОК бо истифодаи технологияи муосир (методҳои интерактивӣ, методҳои фаъол дар таълим ахбороти технологӣ ва усули муносибати босалоҳият дар таълим) бо истифодаи техникаи компютерӣ гузаронидан сифати таълими фанни физика ва дараҷаи донишазхудкунии бакалаврҳоро дар сатҳи зарурӣ баланд мебардорад.

Дар диссертатсия Қаландарова Манзура Сайдасроровна қайд гардидааст, ки агар дар низоми кредитии таҳсилоти аврупоӣ дар ҷараёни таълим ба бакалаврҳо иҷро кардани корҳои мустақилонаро ташаккул

дихем, онгох мо ба максади асосии худ тайёр намудани бакалаврҳои замонавии ҷавобгӯи стандартҳои давлатию байналмилалӣ шарафёб мегардем.

Инчунин дар диссертатсияи Қаландарова Манзура Сайдасроровна нишон дода шудааст, ки усулҳои фаъоли таълим - усулҳои интерактивӣ, усули муносибати босалоҳият дар таълим, низоми кредитии таҳсилоти аврупоӣ асоси технологияи муосирро дар муассисаҳои тахсилоти олии касбӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил менамояд.

Дар диссертатсия Қаландарова Манзура Сайдасроровна бо усули мубоҳисавӣ гузаштани мавзуи «Қонуни бако ва табдилёбии энергияи механикӣ дар протсесҳои ҳароратӣ» бо усули таълими анъанавӣ ва дар шароити низоми кредитии таҳсилот нишон дода шудааст.

Қаландарова Манзура Сайдасроровна дар диссертатсияи худ методикаи таълими баъзе мавзуҳои физикаи умумӣ аз кисми механика бо усулҳои фаъол - усули интерактивӣ. низоми кредитии таҳсилоти аврупоӣ ва усули муносибати босалоҳият дар таълим нишон дода шудааст. Методикаи таълими ин мавзӯъҳо барои устодони фанни физикаи умумӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва бакалаврхо ҳамчун дастурӣ методӣ хизмат мекунад.

Дар диссертатсияи Қаландарова Манзура Сайдасроровна муқаррар карда шудааст, ки новобаста аз методикаи таълим ва усулҳои фаъоли он ҳангоми таълими фанни физика дар МТОК диққати ҷиддиро ба масъалаҳо равона кардан лозим аст, то ки бакалаврҳо ба салоҳияти асосӣ ҳал карда тавонистани масъалаҳо аз фаслҳои гуногуни физика соҳиб гарданд.

Дар диссертатсияи Қаландарова Манзура Сайдасроровна қайд гардидааст барои санҷиши дурустии методҳои таълими пешниҳод кардашуда доир ба мавзуи «Роҳҳои баланд бардоштани самаранокии таълими фанни физика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо истифода аз технологияи муосир» дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ озмоиши педагогӣ гузаронида шуд. Натиҷаҳои

озмоиши педагогӣ нишон доданд, ки давра ба давра сатҳи дониши бакалаврҳо дар гурӯҳои озмоишӣ назаррас баланд гардидаанд. Озмоишҳои педагогии гузаронидашуда тасдиқ менамоянд, ки истифодаи технологияи муосир - усулҳои фаъоли таълим дар баланд бардоштани сатҳи дониши бакалаврҳо аз фанни физика ва бедор кардани шавқу ҳаваси онҳо ба омӯзиши фан саҳми арзанда дорад.

Дар дисертатсияи Қаландарова Манзура Сайдасроровна масъалаи хело муҳими методӣ ҳаллу фасл карда шудааст, ки аҳамияти калони илмию методӣ дорад.

Дисертант доир ба натиҷаҳои таҳқиқоташ 15 мақолаю матни маърӯзаҳоро ба чоп расонидааст, ки аз онҳо 7-тояш мақолаҳои илмии дар маҷалаҳои тақризшавандаи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, 4-то маводи таълимӣ ва 4 мақолаи дигари муаллиф дар нашрияҳои дигар ва маводҳои конференсияҳои илмӣ чоп гардидаанд.

Мақолаҳои чоп кардаи диссертант ва авторефирати днссертатсия ба пуррагӣ мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Натиҷаҳои илмию методии диссертатсияи Қаландарова Манзура Сайдасроровнаро дар курсҳои такмили ихтисосӣ омӯзгорони фанни физика мавриди истифода қарор додан мумкин аст ва онҳо дар амалигардонии талаботҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» саҳми босазо мегузоранд.

Диссертатсияи Қаландарова Манзура Сайдасроровна кори илмӣ-таҳқиқотии ба охир расида ба шумор меравад ва ба талаботҳои Комисияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи омӯзишу парвариш (методикаи таълими физика) ҷавобгӯй мебошад.

Муаллифи диссертатсия Қаландарова Манзура Сайдасроровна

барои гирифтани дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - назария ва методикаи омӯзишу парвариш (методикаи таълими физика дар муассисаҳои олии касбӣ) арзанда мебошад.

Номзади илмҳои педагогика, дотсент: Қодирова Д. Т.

Котиби ҷаласа : Маҳмудова С.

Имзои Қодирова Д- ро тасдиқ мекунам

Сардори раёсати кадрҳ ва корҳои махсуси

Муассисаи давлатии таълимӣ Донишгоҳи давлатии

Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.